# ФАРМОИШИ
# ЯКҶОЯИ АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъсиси гурӯҳи кории таҳияи Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ**

аз «22» апреля соли 2024, №97 аз «22» апреля соли 2024, №456

шаҳри Душанбе

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи забондонии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ва мувофиқи сархати дуюми банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ», банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2014, №145 тасдиқ карда шудаанд, ф а р м о н  м е д и ҳ е м:

1.Ҳайати гурӯҳи кории таҳияи Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ таъсис дода шавад (замима мегардад).

2.Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатиро таҳия намуда, барои тасдиқ пешниҳод намояд.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

Директори
Агентии хизмати давлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_______________ Давлатов Ҷ.М.

Вазири
маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_______________ Саидзода Р.Ҳ.

Замима
ба фармоиши якҷояи Агентии
хизмати давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«22» апрели соли 2024, №97 ва
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«22» апрели соли 2024, №456

Ҳайати
гурӯҳи кории таҳияи Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ

-Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло-муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари гурӯҳи корӣ

-Қурбонзода Ҳилолбӣ Ҷумъахон-муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини роҳбари гурӯҳи корӣ

-Худойдодзода Фарух-сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби гурӯҳи корӣ.

Аъзои гурӯҳи корӣ:

-Маҷидзода Саидаброр Исломҷон-муовини сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Кенҷазода Мирзо Анвар-муовини сардори шуъбаи ташкилию иттилоотии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Ҷоматов Саймуддин-доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои шарқи факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

-Валиев Нуралӣ-номзади илмҳои филологӣ, дотсенти факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

-Ҳамроев Озодбахт-номзади илмҳои филологӣ, омӯзгорӣ кафедраи назария ва амалияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

-Гулаҳмадшоева Наргис-омӯзгори калони кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

-Атакуллаев Усмон-номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

-Наврӯзшоев Баҳриддин-номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.